# ИНТЕРНЕТ

Имрӯз дар радифи вожаи **компютер** вожаи дигаре бо номи **Интернет** вирди забонҳо гаштааст. Дар ҳар суҳбате, хоҳ он хоси калонсолон бошад ё хоси наврасону ҷавонон, ҳангоми баррасӣ ва таҳлили мавзӯъи суҳбат ҳамеша пурсида мешавад, ки ин масъала дар Интернет чӣ тавр шарҳ дода шуда бошад? Бале, Интернет манбаъи марказӣ ва боэътимоди дарёфти иттилооти наву тоза гаштааст. Барои ҳамин ҳам, дастрасӣ ба ин шабакаи воқеан мардумӣ ва саросарӣ ҳоло хеле осон гаштааст. Ба Интернет натанҳо бо ёрии компютер ва шабакаҳои иттилоотӣ, балки телефонҳои ҳамроҳ низ пайваст шудан имконпазир гаштааст.

Тараққиёти босуръати техникаи компютерӣ имконият муҳайё сохт, ки воситаҳои мубодилаи иттилооти байни компютерҳо низ мунтазам мукаммал гарданд. Дар ибтидои солҳои 70-уми садсолаи гузашта шабакаҳои аввалини компютерӣ пайдо шуданд. Якчанд донишгоҳҳои ИМА тавассути модемҳои суръаташон начандон зиёд компютерҳои худро бо ҳамдигар пайваст намуда, мубодилаи иттилооти байниҳамдигарӣ ташкил карда тавонистанд. Гарчанде имкониятҳои ин шабакаи компютерӣ хеле маҳдуд буд, вале технологияи сохтани он барои пайдо шудани системаи телеконференсияҳои Usenet ибтидо гузошт.

Ғояҳои гуногуни татбиқӣ ва истифодаи роҳҳои ҳархелаи шабакасозиҳо, он вақт имкон намедоданд, ки якҷоя кор кардани системаҳои гуногун таъмин карда шавад. Аз ҳамин сабаб ҳам, таҳиягарон, муҳандисон ва барномарезон хеле зуд ғояи нави **дарғот** (gateway – шлюз, дарвозаи иттилоотгузаронӣ) номидашавандаро эҷод карданд, ки тавассути он шабакаҳои навъи гуногуни ташкилоту корхонаҳоро бо ҳамдигар пайвастан имконпазир гардид.

Дарғотҳо протоколи умумии мубодилаи иттилоотро истифода мебаранд, ки он бо номи **протоколи Интернет** (Internet Protocol – **IP**) маъруф аст. Имрӯз протоколи IP ба стандарти кулли шабакаҳои компютерӣ, ҳатто шабакаҳои маҳаллӣ, табдил ёфтааст. Дар натиҷаи стандартикунониҳои мунтазами минбаъда ва бемайлон васеъ гаштани имкониятҳои шабакаҳо, теъдоди компютерҳои ба хизматрасониҳои шабакавӣ дастрасидошта низ рӯз аз рӯз меафзоид. Бо мурури замон истифодабарандагони шабакаҳо ин тарзи озоди пайвастшавии байниҳамдигарии компютерҳоро Интернет (Internet) ном мебурдагӣ шуданд. Пас, Интернет чист?

*Интернет маҷмӯи шабакаҳои давлатӣ, минтақавӣ, иттиҳодиявӣ, дигар навъи шабакаҳои компютерӣ ва инчунин компютерҳои алоҳидае мебошад, ки байни ҳамдигар бо ёрии таъминоти барномавии гуногуни иттилоотӣ-иртиботии ба шакли ягона овардашуда пайваст гардидаанд.*